**Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-018**
**назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**
**(734025, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)**

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Болтуева Машҳурахон Ёқубовна дар мавзуи “Ҳифзи барномаи компютерӣ дар ҳуқуқи гражданӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03-Ҳуқуқи гражданӣ, ҳуқуқи соҳибкорӣ, ҳуқуқи оилавӣ, ҳуқуқи байналмиллалии хусусӣ пешниҳод шудааст**

Яке аз самтҳои афзалиятнок ва мунтазам рушдёбандаи сиёсати Ҷумҳурии Тоҷикистон имрӯзҳо технологияи ахборотӣ маҳсуб ёфта, ба он барномаҳои компютерӣ низ дохил мешавад. Аҳаммияти рушди техникӣ ва ҷорӣ намудани дастовардҳо ва ихтирооти навин дар истеҳсолот дар суханрониҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон низ таъкид гардидааст. Аз ҷумла дар Паёми сарвари кишвар аз 26 декабри соли 2018 ба Маҷлиси Олӣ дар ин хусус чунин омадааст: «Таҳким бахшидани иқтидори илмии кишвар, ҷорӣ кардани ихтироот дар истеҳсолот, устувор гардонидани пояҳои моддиву техникии муассисаҳои таълимӣ, баланд бардоштани сифати таълим дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот, ҷалби боз ҳам васеи истеъдодҳои ҷавон ба омӯзиши технологияҳои муосир ва корҳои эҷодиву техникӣ вазифаи муҳимтарини соҳаҳои илму маориф мебошад» .

Аҳаммият ва рушди босуръати таъминоти барномавӣ, дохил шудани он қариб ба тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеаро баҳо додан мушкил мебошад. Бинобар ин муайян намудан ва ҷорӣ сохтани механизми дурусту самараноки ҳифзи ҳуқуқии таъминоти барномавӣ гарави

татбиқи муваффақонаи мақсаду вазифаҳои давлат дар соҳаи инноватсия ва ҳуқуқҳои субъективии мадании иштирокчиёни муносибатҳои маданӣ маҳсуб меёбад.

Имрӯзҳо барномаҳои компютерӣ ба таври қавӣ ба ҳаёти ҳаррӯза ворид гардидааст. Бо баробари тараққиёти сатҳи технология барномаҳои компютерӣ низ инкишоф ёфта, имконият фароҳам оварда мешавад, ки сатҳи мазкур дар ҳаёт татбиқ шавад. Барномаҳо низ ҳамчун технологияҳо боз ҳам мураккаб ва тараққиёфта гардида истодаанд.

Аз гуфтаҳои болозикр бармеояд, ки масъалаи ҳифзи барномаи компютерӣ дар ҳуқуқи маданӣ яке аз масъалаҳои умдаи ҷомеаи имрӯза ба ҳисоб рафта, омӯзиши пурра ва ҳамаҷонибаро талаб менамояд. Ба ин минвол, ба роҳ мондани як қатор чораҳои  судманд ва зарурӣ дар ин самт, ки метавонад роҳи ҳалли камбудиҳои дар ин самт ҷойдошта шавад, инчунин баҳри боз ҳам ривоҷу равнақ бахшидани соҳаи мазкур таъсири мусбат мерасонад. Аз ин рӯ, мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии Болтуева М.Ё. мубрам ва саривақтӣ мебошад.

Аз таҳлили амиқ ва баррасии ҳамаҷонибаи масъалаҳои дар автореферат зикргардида ба хулосае омадан мумкин аст, ки сохтори таҳқиқот пай дар пай ва бо риояи мантиқи илмӣ таҳия гардидааст. Автореферати диссертатсия ҳамаи талаботҳои ҷойдоштаро дар худ ғунҷонида, натиҷаҳои пурра ва босамари таҳқиқотро ифода намудааст. Аз мазмуну муҳтавои автореферати мазкур бармеояд, ки муаллиф вазифаҳои дар наздаш гузошташударо дар сатҳи дахлдор иҷро намуда, нуқтаҳои илмии асоснок ва тавсияҳои амалии судмандро ҷиҳати рушди илми ҳуқуқшиносии ватанӣ ва таҷдиди қонунгузории соҳа манзур намудааст, ки аз манфиат орӣ нест. Натиҷаҳои таҳқиқоти гузаронидашуда на танҳо аҳаммияти назариявӣ доранд, балки дар амалия низ мумкин аст васеъ истифода бурда шаванд.

Бояд зикр намуд, ки таҳқиқоти рисолаи илмии муаллиф дар заминаи сарчашмаҳои ҳуқуқи маданӣ, қонунгузории миллӣ ва

байналмилалӣ гузаронида шуда, тавассути он роҳҳои ҳал ва такмили қонунгузории соҳа баҳри танзими ҳифзи барномаи компютерӣ дар ҳуқуқи маданӣ пешбинӣ гардидааст.

Аз мазмуну муҳтавои автореферати мазкур бармеояд, ки муаллиф то ҳадди зарурӣ масъалаҳои дар наздаш гузошташударо ҳал намудааст, вале новобаста ба ин, баъзе масъалаҳое дар ин самт ҳамоно боқӣ мондаанд, ки таҳлилу баррасии алоҳидаро талаб менамояд.

1. Муаллиф дар автореферати рисолаи илмӣ қайд менамояд, ки "Дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон номуайянии мафҳумҳои умумӣ-ҳуқуқӣ дар соҳаи барномаҳои компютерӣ, инчунин номгӯи услубҳои истифодабарии объектҳои хуқуки муаллифӣ мушоҳида мешавад. Асоснок гардидааст, ки сарфи назар кардани куҳнашавии захираҳои истилоҳот ва истифодаи қолабҳои ҳуқуқӣ дар қонунгузорӣ, ба пайдоиши муаммоҳои ҳуқуқие оварда мерасонад, ки манфиати ҳамаи иштирокдоронро халалдор карда, ба рушди босифати техникию иқтисодии соҳа монеа мегардад" (саҳ 10). Аз таҳқиқбаранда пурсида мешавад, ки мазмун ва муҳтавои пешниҳоди хешро боз ҳам возеҳтар намуда, онро кушода диҳед.

2. Унвонҷӯ дар автореферати рисолаи илмӣ барномаи компютериро ба доираи обектҳои хуқуқи маданӣ мансуб донистааст. Аз муаллиф пурсида мешавад, ки асосҳои чунин мавқеъгирии муаллиф дар чӣ аст.

Гуфтаҳои болозикр ба мазмуну моҳияти диссертатсияи муаллиф костагӣ ва духурагиро ба миён наоварда, баръакс василаи пурра ва мустаҳкам намудани онро ифода менамояд.

Дар маҷмуъ, аз таҳлилу баррасии автореферати музкур ба хулосае омадан мумкин аст, ки Болтуева Машҳурахон Ёқубовна ҳангоми навиштани рисолаи илмӣ дар мавзуи "Ҳифзи барномаи компютерӣ дар ҳуқуқи гражданӣ" қобилияти баланди эҷодкорӣ нишон додааст. Автореферати диссертатсия ва дастгоҳи илмии таҳқиқот ба талаботи

муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03- Ҳуқуқи гражданӣ, ҳуқуқи соҳибкорӣ, ҳуқуқи оилавӣ, ҳуқуқи байналмиллалии хусусӣ мебошад.

Номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
дотсенти кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ,
молиявӣ ва зиддикоррупсионии
факултети менеҷмент ва ҳуқуқи иқтисодии
Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди
Тоҷикистон Мирзоев С.А.

**Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, Донишгоҳи давлатии
молия ва иқтисоди Тоҷикистон, 734067, ш. Душанбе,
кӯчаи Нахимов, 64/14; тел:(+992 237) 231-08-37, 231-02-01
E-mail: tgfeu@ tgfeu.tj

Имзои С.А. Мирзоевро
тасдиқ мекунам.
Сардори шуъбаи кадрҳо ва
корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии молия
ва иқтисоди Тоҷикистон Шарипов У.А.

ШУЪБАИ КАДРҲО
ОТДЕЛ КАДРОВ

07.09.2023с